## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Сатторов Амирҳамза Баҳодурович дар мавзӯи "Таъсирпазирӣ аз оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ дар ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ" ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология, аз рӯи ихтисоси 10.01.0 - Адабиёти тоҷик.**

Рисолаи номзадии Сатторов Амирҳамза Баҳодурович, ки ба таҳқиқи таъсирпазирии ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ аз оёти Қуръони карим ва аҳодиси расул (с) бахшида шудааст, аз мавзӯъҳои нисбатан тоза дар адабиётшиносии тоҷик мебошад. Муаллиф дар баробари таҳқиқи мавзӯъ ба қадри лозим дар бораи таъсири Қуръон ва аҳодис ба адабиёти форсу тоҷик, усули истифодаи оёту аҳодис дар ашъори суханварони дигари форсигӯ баҳс намуда, бо такя ба таҳқиқоти донишмандони ватаниву хориҷӣ кӯшиш намудааст, ки саҳми Хочуи Кирмониро дар ташаккули ғазал муайян намояд.

Рисола аз муқаддима, се боб, 8 зербоб, хулоса ва китобнома иборат мебошад. Муаллиф дар муқаддимаи рисола ба таври мухтасар дар бораи мубрамият ва зарурати интихоби мавзӯъ (саҳ. 3), дараҷаи омӯзиши мавзӯъ (саҳ. 3-6), мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот (саҳ. 6-7), метод ва методологияи таҳқиқот (саҳ. 7), сарчашмаи таҳқиқот (саҳ. 7), объект ва предмети таҳқиқи рисола, навовариҳои диссертатсия (саҳ. 7-8), арзишҳои назарӣ ва амалии рисола (саҳ. 8), нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда (саҳ. 8-9), апробатсияи диссертатсия ва ҳаҷми умумии диссертатсия (саҳ. 9) сухан намудааст, ки мутобиқ ба талаботи КОА мебошад.

Боби якуми рисола "Таъсирпазирии Хоҷу аз оятҳои қуръонӣ" унвон дошта, фарогири чор фасл мебошад. Дар фасли якуми боби мазкур муаллифи рисола нахуст дар бораи таъсири Қуръон ба адабиёти форсу тоҷик баҳс намуда, сипас пиромуни корбурди никоти қуръонӣ дар ғазалиёти суханвар сухан кардааст. Фасли дувум "Талмеҳоти қуръонӣ

дар ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ» унвон дошта, пиромуни ҳунари шоирии Хоҷу дар истифодаи талмеҳоти динӣ, махсусан қиссаҳои пайғамбарон баҳс мекунад. Аз таҳқиқоти муаллиф маълум мешавад, ки суханвар дар ғазалиёти худ ба касрат аз оёти Қуръон мадад ҷустааст. Фаслҳои сеюм ва чоруми боби якум дар бораи корбурди калимоту таркиботи қуръонӣ ва таҳмидия дар ашъори Хоҷуи Кирмонӣ баҳс мекунанд.

Боби дувуми диссертатсия «Истифодаи Хоҷуи Кирмонӣ аз ҳадисҳои набавӣ» унвон дошта, фарогири ду фасл аст. Дар фасли якуми ин боб Сатторов А. дар баробари иқтибосоти Хоҷу аз аҳодиси расул(с.) пиромуни маъно, мақом ва манзалати аҳодис дар ашъори суханварон маълумот додааст. Фасли дувуми боби мазкур «Мазмуни ҳадисҳои набавӣ дар ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ» ном дошта, ба тафсил дар бораи абёте, ки маъхуз аз аҳодиси расул(с.) мебошанд, баҳс мекунанд.

Боби сеюми рисола «Хусусиятҳои бадеӣ ва мушаххасоти ҳунари Хоҷу дар корбурди никоти қуръонӣ ва аҳодиси набавӣ» унвон дошта, фарогири ду фасл аст. Муаллифи диссертатсия дар фасли якум пиромуни ҳунари шоирии Хоҷу дар корбурди никоти қуръонӣ ва дар фасли дувум дар хусуси ҳунари суханвар дар корбурди никот ва мазмунҳои аҳодис баҳс намуда, барои шоҳид чанд байти шоирро оварда, ба тафсил мушаххасоти ҳунари шоирии Хоҷуи Кирмониро баён кардааст.

Фишурдаи рисола дар баробари муҳассанот ва арзиши илмӣ холӣ аз камбудӣ нест:

1.Муаллифи диссертатсия дар оғози фасли «Дараҷаи омӯзиши мавзӯъ» бештар ба нақли афкори донишмандони дигар иктифо намуда (саҳ.3-4) ва ишорае ба нашру таҳқиқоти солҳои охир, аз ҷумла «Хамса»-и ӯ (Хоҷуи Кирмонӣ. Хамса.-Хуҷанд: Хуросон, 2017. -880саҳ.) накардааст.

2. Дар автореферати диссертатсия ишораи зиёд ба адабиёти истифодашуда ва сафҳаи онҳо шудааст, ки зоҳиран ба китобномаи диссертатсия дахл доранд, на автореферат. Хуб мешуд, муаллиф унвони он манобеъро дар ҳошияи сафҳаи автореферат ё феҳристи алоҳида меовард ва хонандаи автореферaтро низ аз онҳо хабар медод. Зеро

хонандаи автореферат, ки асли диссертатсияро зери даст надорад, наметавонад аз асли он сарчашмаҳо иттилоъ ёбад (саҳ. 3, 4, 5, 10,11…).

3.Ду байте, ки дар саҳифаи 11-уми автореферат оварда шудаанд, холӣ аз хатои матншиносӣ нестанд ва ниёз ба тасҳеҳ доранд. Зоҳиран ин ҷо хатоҳонии матн ба назар мерасад ва вазни шеър низ халал ёфтааст (саҳ.11).

Камбудиҳои мазкур зуд ислоҳшаванда буда, аз ҳусн ва арзиши рисола кам накардаанд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Сатторов Амирҳамза Баҳодурович дар мавзӯи «Таъсирпазирӣ аз оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ дар ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ» дар сатҳи баланди илмӣ таълиф гардида, ҷавобгӯи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст ва муаллифи он ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик сазовор мебошад.

Номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
мудири кафедраи умумидонишгоҳии
забони тоҷикии МДТ «Донишгоҳи
давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров»

Зоиров Ҳалимҷон Зохидҷонович

735700, ш. Хуҷанд, к. Мавлонбеков 1,
МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»,
тел: +992926000822, E- майл: z.halimjon@mail.ru

Имзои номзади илмҳои филологӣ, дотсент
Зоиров Ҳалимҷон Зохидҷоновичро тасдиқ менамоям:
Сардори РКваКМ МДТ «Донишгоҳи
давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров»
26.02.2021

Ашрапова З.